**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.
_______________
аз «___» _________2026 с.

# ХУЛОСА
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Ҳангоми омода намудани диссертатсия Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло унвонҷӯи кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ ба ҳисоб мерафт.

Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло соли 1991 ба ихтисоси «Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ»-и факултети геологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дохил шуда, онро соли 1995 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи мазкур, соли 2006 ба шуъбаи аспирантураи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ дохил шуда, корҳои илмию таҳқиқотӣ анҷом додааст. Соли 2010 бинобар сабаби беморӣ аз сафи унвонҷӯёни институт хориҷ гардидааст.

Соли 2019 (фармони №72-05 аз 13.02.2019) ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ аз рӯйи ихтисоси «Геоэкология» қабул шудааст. Айни замон унвонҷуи кафедраи мазкур мебошад ва дар вазифаи муаллими калон фаъолият мекунад.

Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» таҳти роҳбарии доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор Саидов Мирзо Сибғатуллович, дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 29 марти соли 2019 (протоколи №10) тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ аз 28 феврали соли 2026 (протоколи №07) муҳокима гардида,

аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат гирифтааст ва пас аз ислоҳи камбудиҳо ба марҳилаи навбатии ҳимоя тавсия шудааст.

Аз рӯйи натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи мазкур чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос.** Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккулёбии кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» ба шиносномаи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пурра мутобиқат дошта, муҳтавои он талаботи ихтисоси мазкурро фаро мегирад.

**Алоқамандии мавзуъ ба самтҳои муҳими рушди илм ва илму технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ гардидааст, инчунин ба мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра таҳти унвони «Мушкилотҳои геодинамикӣ, тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба равандҳои муҳандисӣ-геологӣ дар Тоҷикистон» (солҳои 2021–2025, РКД 0122TJ1446) мутобиқат менамояд.

Ҳамзамон, мавзуи мазкур бо як қатор самтҳои муҳими рушди илм ва илму технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, самти «Экология ва ҳифзи муҳити зист» ба таҳқиқи ҳолати муҳити зист, роҳҳои ҳифзи манбаъҳои табиӣ, баркарорсозии экосистемаҳо ва пешгирии таъсири манфии фаъолияти инсон равона гардидааст. Мавзуи таҳқиқшаванда масъалаи ҳифзи аҳолиро аз хатари рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ дар болооби дарёи Ванҷоб дар иртибот бо ҳифзи табиат мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Инчунин мавзуъ ба омӯзиши ҳамкории омилҳои географӣ ва экологӣ, таъсири тағйирёбии иқлим дар шароити муосир ба устувории муҳити зист ва таъмини рушди устувори минтақа алоқаманд аст. Рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ дар пиряхҳои набзии водии Ванҷ ҷузъи муҳими таъмини амнияти нуқтаҳои аҳолинишин ва рушди устувори минтақа ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи баррасишаванда равандҳои ташаккули кӯлҳои пиряхиро таҳқиқ намуда, барои пешгирӣ ва муҳофизати нуқтаҳои аҳолинишини водии Ванҷ бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад.

Ташаккули кӯлҳои пиряхӣ дар шароити кунунии тағйирёбии иқлим, махсусан дар минтақаҳои пиряхии Меҷдор (Федченко) ва Хирсон, бо стратегияҳои рушди минтақавӣ иртиботи зич дошта, ба самти истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба фаъолияти иқтисодии устувор мусоидат менамояд.

Илова бар ин, масъалаи мазкур аз нигоҳи истифодаи технологияҳои муосир, махсусан дар самти идоракунии хатари рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ ва ҳаракати пиряхҳои набзӣ, аҳаммияти

муҳим дорад. Дар раванди ташаккули кӯлҳои пиряхӣ истифодаи системаҳои иттилоотии географӣ (GIS), мониторинги муҳити зист, навигатсия ва дигар технологияҳои рақамӣ нақши калидӣ мебозад.

**Мутобиқати мазмуни интишорот ва натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар 16 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки пурра ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд.

Санади тасдиққунандаи имконияти татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот мавҷуд буда, он 15 октябри соли 2026 аз ҷониби Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои корҳои таҳқиқӣ.** Дар диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти бисёрсолаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Саҳми муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ зоҳир мегардад: иштироки мустақим дар корҳои саҳроӣ дар самти геоэкологӣ-муҳандисӣ, экологӣ ва харитасозии минтақаи таҳқиқот; асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот; коркард, таҳлил ва шарҳи натиҷаҳо; омӯзиши муфассали дараҷаи омӯхташавии мавзуъ; ҷамъбасти хулосаҳо ва пешниҳоди тавсияҳо; таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ; иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва баргузор намудани экспедитсияҳо ҷиҳати таҳияи диссертатсия.

Муаллиф шахсан харитаҳои муҳандисию геоэкологӣ ва арзёбии равандҳои ташаккули кӯлҳои пиряхиро дар водии Ванҷ таҳия намудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисоси интихобшуда.** Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккулёбии кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» ба ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пурра мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати мавзуъ ба бандҳои шиносномаи ихтисос.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мутобиқат мекунад: 9 — Бӯҳронҳои глобалӣ ва минтақавии экологӣ–тағйироти мураккаби муҳити атроф, ки ба бадшавии шадиди шароити зиндагӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ оварда мерасонанд. Паёмадҳои геоэкологӣ аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ; 10 — Ҷанбаҳои байнисоҳавии стратегияи наҷоти инсоният ва таҳияи ассоҳои илмии танзими сифати ҳолати муҳити атроф;

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло аз муқаддима, чор боб, понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуи ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 адад дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 9,125 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Сайфуллоева К.Г. Геоэкологическая характеристика Горно-обогатительного комбината Адрасман. [Текст] /Сайфуллоева К.Г.// Наука и Инновация. Серия геологических и технических наук 2022. №2. с.56-60.
2. Сайфуллоева Қ.Ғ. Тавсифи гидрологӣ ва гидрогеологии ҳавзаи дарёи Исфана. [Текст] /Шарифов Г.В., Сайфуллоева Қ.Ғ., Расулов Н.М.// Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. Душанбе, 2022, №1. с. 101-107.
3. Сайфуллоева К.Г. Основные характеристики пульсирующих ледников Памира. [Текст] /Сайфуллоева К.Г.// Наука и инновация. Серия геологических и технических наук №2, 2025. с. 5-10.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

4. Сайфуллоева К.Г. Экологическое состояние природных ресурсов районов Республиканского подчинения (РРП). [Текст] /Сатторов Р.Б., Ахмедова И.Г., Сайфуллоева К.Г., Узакова Ш.// Труды института геологии. Выпуск 5. 2006г. УДК 528.9:577.4629.198.3. с.186-197.
5.Сайфуллоева К.Г. Таджикистан и проблемы снижения риска стихийных бедствий. [Текст] /Шарифов Г.В., Сайфуллоева К.Г., Муродов А.А.// Материалы международной научно-практической конференции «Климатические изменения и гидроресурсы Средней Азии» ТНУ, наука и инновация (научный журнал) серия естественных наук, №1, Душанбе: «Сино» 2017. с. 230-234.
6.Сайфуллоева Қ.Ғ. Таъсири тағйирёбии иқлим ба таъминоти оби нушокӣ. [Текст] /Давлатов Ф.С., Назирова Д.Э., Сайфуллоева Қ.Ғ., Саидов И.М.// Илм ва фановари Нашри махсус бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солхои 2018-2028, "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардуми", "140-солагии зодрузи Кахрамони Точикистон Садриддин Айни" ва "70 солагии Донишгохи миллии Точикистон", дар асоси Маводи конференсияи байналмилалии илми-амали дар мавзуи "Захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Маркази" аҳамият,мушкилот ва дурнамо") 2018. с. 63-66.
7. Сайфуллоева Қ.Ғ. Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи даҳсолаи амал "Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028: Нақши захираҳои обӣ дар амалишавии он. [Текст] /Давлатов Ф.С., Назирова Д.Э.,

Сайфуллоева Қ.Ғ., Ғуломов М.Н.// Илм ва фановарӣ. Нашри махсус бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018-2028, “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, “140-солагии зодрӯзи Каҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ” ва “70 солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, дар асоси Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ аҳамият, мушкилот ва дурнамо”) 2018. с.143-148.
8. Сайфуллоева Қ.Ғ. Обшораи дарёҳои Тоҷикистон ва аҳамияти онҳо. [Текст] /Давлатов Ф.С., Сайфуллоева Қ.Ғ., Ғуломов М.Н.// Илм ва инноватсия.№2. 2019. с. 65-69.
9.Сайфуллоева Қ.Ғ. Ташаббусҳои Ҷумҳурии ТоҶикистон барои амалишавии пешниҳодҳои масъалаҳои об ва ҳифзи захираҳои он. [Текст] /Сайфуллоева Қ.Ғ.// Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «5500-летию древнего Саразма», «700-летию выдающегося таджикского поэта Камола Худжанди», и «20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования (2020-2040 годы)» Душанбе -2020. с. 172-173.
10. Сайфуллоева Қ.Ғ. Мушкилоти баҳри Арал ва ҳолати экологии он дар минтақаи Осиёи Марказӣ. [Текст] /Сайфуллоева Қ.Ғ.// Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. №2. Душанбе -2020. с. 114-119.
11.Сайфуллоева Қ.Ғ. Қонуниятҳои ташаккулёбии морфоструктураи давраи нави рушди водии дарёи Ванҷ дар замонаҳои неоген ва чорякумин. [Текст] /Гуломов М.Н. Сайфуллоева Қ.Ғ.// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ “Ҳамкориҳои байналмилалии давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо ва захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” (солҳои 2018-2028), “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (солҳои 2020-2040), “Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)”, “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” (Соли 2025) 27 майи соли 2023. с. 113-120.
12.Сайфуллоева Қ.Ғ. Пайдошавии омилҳои равандҳои табиӣ ва таъсири он ба фаъолияти антропогенӣ дар ҳудуди Тоҷикистон. [Текст] /Сайфуллоева Қ.Ғ., Раҳимзода А.С., Ғанизода Ш.Б., Давлятова М.З., Абдулқосими Ҳафиззода//. Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ “Ҳамкориҳои байналмилалии давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо ва захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” (солҳои 2018-2028), “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (солҳои 2020-2040), “Солҳои рушди саноат (солҳои

2022-2026)”, “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”) Соли 2025) 27 майи соли 2023. с. 131-136.
13.Сайфуллоева Қ.Ғ. Баъзе хусусиятҳои ҷойгиршавӣ ва реҷаи пиряхҳои Помири Шарқӣ. [Текст] /Ғафуров Ф.Г., Сайфуллоева Қ.Ғ., Шакармамадова М.Ш.// Масоили геологи дурнамо ва рушди он. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи “Геологияи тоҷик” 7-9 декабри соли 2024. с. 202-207.
14. Сайфуллоева Қ.Ғ. ТаҒйирёбии иҚлим ва таъсири он ба ҳаёти инсон. [Текст] /Ғуломов М.Н., Сайфуллоева Қ.Ғ., Немонзода С.И.// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Дастовардҳои муосир ва масоили мавҷудбуда дар илми геология (илмҳои заминшиносӣ)» бахшида ба 70-солагии доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор, узви вобастаи академияи муҳандисии байналмилалӣ, Академики академияи муҳандисии Тоҷикистон Саидов Мирзо Сибгатуллович 24-уми соли майи 2024. с. 51-56.
15. Сайфуллоева Қ.Ғ. Пиряхҳои набзӣ ва пайдошавии кӯлҳои хавфнок (дар мисоли ҳавзаи дарёи Ванҷ). [Текст] /Сайфуллоева Қ.Ғ.// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Дастовардҳои муосир ва масоили мавҷудбуда дар илми геология (илмҳои заминшиносӣ)» бахшида ба 70-солагии доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор, узви вобастаи академияи муҳандисии байналмилалӣ, Академики академияи муҳандисии Тоҷикистон Саидов Мирзо Сибгатуллович 24-уми соли майи 2024. с. 349-353.
16. Сайфуллоева Қ.Ғ. Баъзе хусусиятҳои пиряхҳои набзии Тоҷикистон (дар мисоли пиряхҳои набзии водии Ванҷ). [Текст] /Сайфуллоева Қ.Ғ.// Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ “Пиряхҳои Тоҷикистон – манбаи захираи обҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим” бахшида ба соли 2025 соли байналмиллалии ҳифзи пиряхҳо” ва рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо” 14 марти соли 2025. С.170-175.

## ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи **Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло** дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи **Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло** дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, санаи 28.02.2026, протоколи №07 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор" – 10 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
гидрогеология ва геологияи муҳандисии
факултети геологияи ДМТ,
номзади илмҳои геологияю
минералогӣ, дотсент: Ф.С. Давлатзода

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои геологияю
минералогӣ, дотсент: М.Н. Ғуломов

Имзои Ф.С. Давлатзода ва М.Н. Ғуломов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Э.Ш. Шодихонзода

«28» 02 с. 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 17
E-mail: info@tnu.tj тел.: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10